# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ)**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ), ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.
2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» - бо далелҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии худ асоснок карда шудаанд. Дар шароити муосир бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди иқтисоди миллӣ фароҳам овардани имкониятҳо барои ба амал баровардани муносибатҳои шартномавӣ, бахусус шартномаи лизингӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Устувор намудани мавқеи давлат дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бе таъсис додани иқтисоди миллии созанда ва самарабахш имконнопазир аст. Ба воситаи лизинг танҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико соли 2000 барои харидории техника ва таҷҳизотҳои нав, автомобилҳо ва дигар механизмҳои техникӣ ба маблағи беш аз 415 млрд доллари америкоӣ сармоягузорӣ карда шуд, ки 31%-и ҳамаи сармоягузориро дар иқтисодиёт ташкил медод. Дар мамлакатҳои ғарбии Аврупои континенталӣ лизинги таҷҳизотҳо қариб 15%-и таъминоти умумии онҳоро ташкил медиҳад. Дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ бадастовардани мошинҳои сабукрав ва борҳо таввасути шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) нисфи аҳдҳоро ташкил медиҳад.

Татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бештар аз он вобаста аст, ки муносибатҳои бозорӣ чӣ қадар зуд ва дар кадом сифат инкишоф меёбанд ва бозори лизинг метавонад дар иқтисодиёти кишвар мавқеи худро пайдо кунад. Таъсиси механизми

самарабахши фаъолияти тиҷорати лизингӣ имкон медиҳад, ки заминаи техникии истеҳсолот саривақт нав карда шавад, сармоягузорӣ мунтазам сурат гирад. Вобаста ба ин, зарурати таҳияи асосҳои илмӣ ба миён омадааст, ки имкон медиҳанд, ҳангоми ба нақша гирифтани инфрасохтори бозори лизинг роҳи ҳалли беҳтарин ба даст оварда шавад ва рушди он бо талаботи бозор ва хароҷоти ташкил ва фаъолияти он алоқаманд бошад. Рушди тиҷорати лизингӣ ва ташаккули бозори хизматрасонии лизингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мутобиқи талаботи низоми бозор ҳал карда шавад, зеро ин бозор барои кишвар падидаи комилан нав аст.

Шакли лизингии фаъолият дар худ имкониятҳои зиёдеро дорост, ки истеҳсолкунандагон метавонанд маҳсулотҳои худро ба таври самаранок истеҳсол намоянд (чун қоида техника ва технологияи баландсифат ва гаронарзиш), тавассути супоридан ба лизинг дар мӯҳлати начандон зиёди вақт ба комёбиҳои нави соҳаи технология ва техникаи ҳозиразамон мушарраф гарданд. Рушди механизмҳои идоракунии бозорӣ ва раванди иқтисодии кишвар зарурати таъсиррасонии ҳамоҳангсозандаро аз ҷониби давлат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ истисно наменамояд. Яке аз самтҳои чунин таъсиррасонӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва судӣ ба ҳисоб меравад. Муҳимтарин афзалияти лизинг ин имтиёзҳои андозӣ аст, ки аз тарафи давлат нисбати субъектҳои муносибатҳои лизингӣ пешниҳод карда мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки ба андозаи назаррас хароҷотҳои амалиётҳои лизингӣ кам гардад. Маҳз ҳамин омил аз ҳар ҷиҳат барои рушди муносибатҳои лизингӣ дар кишварҳои ғарбӣ мусоидат намудааст.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти асосҳои болозикр мавзуи мазкур хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ мубрам буда, аҳамияти муҳими илмӣ дорад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки муаллиф аз нигоҳи ҳуқуқӣ маротибаи аввал падидаи лизингро мавриди таҳқиқот қарор дода, дар ин замина бо дарназардошти талаботи қонунгузории маданӣ ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкур пажӯҳиш карда шудааст.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, инчунин дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) навгонии маҷмуӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, дар ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Дар раванди таҳқиқот ӯ аввалин пажӯҳиши мукаммали бунёдӣ ва ҳаматарафаро дар самти таҳлили нақши

шартномаи иҷораи молиявӣ дар ҳуқуқи маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додааст.

Навгонии асосӣ дар самтҳои зерин мушоҳида карда мешавад:

– муайян кардани хусусиятҳои шартномаи лизинг ҳамчун шартномаи махсуси ҳуқуқи маданӣ бо дарназардошти омӯзиши адабиёти ҳуқуқӣ ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ;

– ба таври амиқу дахлдор баррасӣ кардани аломатҳо ва таснифоти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг);

– бо баррасии адабиёти илмӣ муайян намудани заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои лизингӣ;

– андешаҳои асоснок оид ба таҳлил ва муайян намудани мавзуи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг);

– мавҷудияти таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаи лизинг дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ;

– бо дарназардошти талаботи қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ муайян намудани вазъи ҳуқуқии субъектҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг);

– манзур кардани пешниҳодҳои мушаххас оид ба падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ҷиҳати мукаммалсозии низоми қонунгузорӣ.

Навгониҳои илмии дар заминаи таҳқиқоти мазкур пешниҳодшуда барои муайян кардани мафҳуми иҷораи молиявӣ ва лизинг, хусусиятҳои фарқкунандаи он, намудҳои иҷораи молиявӣ тибқи қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ, мафҳум, хусусият ва мазмуни шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), аломатҳо вобаста ба мавқеи махсуси он дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, ягонагӣ ва тафовути объекту мавзуи шартномаи лизинг ва монанди инҳо равона карда шудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ифодаёфта, бо такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ташкилоту ширкатҳои лизингӣ мавриди таҳлили амиқу ҳамаҷониба қарор дода шуда, нақши он дар ҳуқуқи маданӣ бо далелҳои дахлдор асоснок карда шудааст. Дар диссертатсия аз тарафи муаллиф чунин методҳои таҳқиқот истифода шудаанд, ба монанди: расмӣ-мантиқӣ (индуксия, дедуксия, таҳлил, синтез, фарзия, айният); методи низомӣ-сохторӣ дар раванди тавсифдиҳии унсурҳои асосии ҳуқуқии лизинг ва натиҷаҳои онҳо истифода шудааст; методи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ барои шарҳ додани дурнамои танзими ҳуқуқии муносибатҳои лизингӣ; методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар

раванди нишон додани шартҳои муҳими шартномаҳо дар соҳаи лизинг истифода шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳо дар он ифода меёбад, ки муаллиф нуктаҳои пешниҳодшударо дар заминаи маълумотҳои воқеии аз тарафи субъектони ба фаъолияти лизингӣ машғул буда, инчунин мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳодшуда манзур намудааст, ки он метавонад барои боз ҳам мустаҳкам намудани заминаҳои илмӣ-назариявии таҳқиқот ва қонунгузории маданӣ мусоидат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои аз тарафи муаллиф натиҷагирӣ шуда, умуман натиҷаи кор бо дарназардошти таҳлили адабиёти дахлдори ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, таҷрибаи амалӣ, таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҳия карда шудаанд, ки асоснокии онро мустаҳкам менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки хусусияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва онҳо аз тарафи муаллиф манзур карда шудааст, барои такмили қонунгузории маданӣ метавонад мусоидат намуда, барои рушди падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар мамлакат заминаи ҳуқуқӣ фароҳам орад. Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳам аз нуктаи илмӣ-назариявӣ ва ҳам амалӣ мубрам маҳсуб ёфта, анҷом додани таҳқиқоти илмии он амали саривақтӣ ба шумор меравад.

Дар натиҷа, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфтаи муаллиф дорои эътимоднокии баланд буда, асосҳои пешниҳодшуда барои такмили қонунгузории маданӣ, тақвияти фаъолияти ташкилоту ширкатҳои лизингӣ ва нақши падидаи мазкур дар ҳуқуқи маданӣ метавонад истифода карда шавад. Тавсияҳои дар диссертатсия манзуршуда, бо дарназардошти вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангию сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар пешниҳод гардидаанд, ки онҳо метавонад ҳамчун заминаи илмӣ минбаъд барои таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ истифода карда шаванд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Хулосаю тавсияҳои манзурнамудаи муаллиф аҳамияти калони назариявӣ дошта, барои таҳқиқотҳои минбаъдаи падидаҳои мухталифи ҳуқуқи маданӣ метавонад истифода карда шавад. Бахусус, пешниҳодҳои манзуршуда метавонад нисбат ба таҳқиқоте, ки хусусияти маданӣ-ҳуқуқӣ доранд ва дар раванди амалисозии фаъолияти лизингӣ ба миён меоянд, ба сифати таҳқиқоти заминавӣ-ҳуқуқӣ метавонад мавриди истифодабарӣ қарор дода шавад. Ҳамзамон, аҳаммияти амалии таҳқиқотро метавон дар раванди таълим, хусусан ҳангоми тадриси фанҳои таълимии «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва «Ҳуқуқи нақлиёт», курси махсуси «Ҳуқуқи шартномавӣ», инчунин ҳангоми иҷрои

корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва номгӯи адабиёти (маъхази) истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 210 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Муқаддима** ба масъалаҳои асосии таҳлили падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва шартномаи лизинг равона гардида, бо истифодаи маводҳои илмию амалӣ мақсаду вазифа, объекту предмет ва асосҳои назариявию амалии таҳқиқоти илмӣ манзур карда шудааст.

**Боби якуми диссертатсия** ба мавзуи «Асосҳои танзими ҳуқуқи мадании иҷораи молиявӣ (лизинг)» бахшида шуда, дар он масъалаҳо вобаста ба таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муосири инкишофи танзими ҳуқуқи мадании иҷораи молиявӣ (лизинг), инчунин мафҳум, хусусият ва намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) равона карда шудаанд.

Муаллиф фикру андешаҳои олимон ва адабиёти илмиро ҷамъбаст намуда, қайд менамояд, ки «дар сарзамини тоҷикон дар танзими шартномаҳои иҷора дар китоби Авесто андешаҳо вуҷуд доштанд. Дар он ҷо ба иҷораи шартномаҳо диққати махсус дода мешуд ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани онҳо муқаррар шуда буд. Барои иҷро накардани шартномаҳо на танҳо қарздор, балки хешони наздики он низ ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд, ки ин одати ҳуқуқӣ барои мустаҳкам намудани низоми шартномавӣ равона карда шуда буд. Дар замони Сосониён «Қонунномаи Сосониён» аз чилу чор фасл иборат буд, фасли сиву чоруми он ба масъалаи иҷора бахшида шуда буд. Баъди забти Осиёи Марказӣ аз тарафи арабҳо, муомилоти тиҷоратӣ аз ҷониби арабҳо муайян карда мешуд. Бастани шартномаҳои гуногуни молу мулкӣ, аз ҷумла шартномаҳои иҷора аз диди ҳуқуқӣ хеле мукаммал буда, иҷрои шартномаҳо ба қасам (савганд), замонат, кафолат, гарав, ноустуворона таъмин карда мешавад. Таҳлили мазкур нишон медиҳад, ки дар сарзамини тоҷикон дар давраи таърихӣ истилоҳи лизинг вуҷуд надошт, онро танҳо аз нигоҳи як навъи иҷора буданаш қайд намудан имконпазир аст. Аммо ба пуррагӣ гуфтан ғайриимкон аст, ки лизинг дар аҳди қадим дар ин сарзамин вуҷуд дошт» (саҳ. 20 дисс.).

Албатта, муаллиф дар ин ҷо бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ фикри худро пешниҳод намуда, қайд менамояд, ки дар давраи таърихӣ дар сарзамини тоҷикон истилоҳи лизинг ҷой надошта, падидаи иҷора мавриди истифода қарор дода мешуд, аммо хусусиятҳои фарққунандаи иҷораи

истифодашавандаро аз лизинг муайян накардааст, ҳол он ки он паҳлуҳои гуногун дорад.

Муаллиф вобаста ба таърихи ташаккул ва пайдоиши падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бо дарназардошти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ба хулосае омадааст, ки масъалаи иҷораи молиявӣ (лизинг) аз се нуқтаи назари илмӣ: ҳуқуқшиносӣ, иқтисодиёт ва таърихшиносӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки ба нуқтаи назари ҳуқуқшиносон пайдоиши падидаи мазкур ба асри XIX рост омада, ба андешаи таърихшиносон пайдоиши лизинг ба замони пайдоиши роҳи оҳан ва ба нуқтаи назари иқтисодчиён бавуҷудоии падидаи мазкурро ба давлати Шумер, қонунҳои Хамурапӣ ва кодексҳои Юстиниан рост медонанд (саҳ. 21-22 дисс.).

Муаллифи диссертатсия вобаста ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» андешаронӣ карда, дуруст хулосабарорӣ намудааст, ки бо мақсади такрорнаёбии меъёрҳои қонунгузорӣ ва ба таври мушаххас муқаррар намудани мафҳумҳои асосӣ он бояд таҷдиди назар карда шавад. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки «Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки мафҳумҳои асосии дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ муқарраргардида намудҳои лизингро фаро намегирад, аммо ҳолати мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» муқаррар карда шудааст. Албатта кушодани мафҳумҳо хуб аст, лекин мафҳумҳое, ки дар м. 1 муқаррар карда мешавад бояд мафҳумҳои асосӣ маҳсуб ёбад, на мафҳумҳои иловагӣ. Намудҳои лизинг аз мафҳуми лизинг ба вуҷуд меоянд, аз ин лиҳоз дар моддаи дахлдор ҷой кардани онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад. Бинобар ин пешниҳод мегардад, ки дар таҳрири нави Қонуни мазкур дар м. 1 мафҳумҳои асосӣ муқаррар карда шуда, бояд инҳоро фаро гирад: лизинг, фаъолияти лизингӣ, шартномаи лизинг, хизматрасониҳои иловагӣ, муҳлати лизинг, истеҳлок (амортизатсия)» (саҳ. 43-44 дисс.).

Вобаста ба масъалаи мазкур дар сурати аз тарафи муаллиф пешниҳод шудани мафҳумҳои манзуршуда, воқеияти масъалаи мазкурро боз ҳам пурратар намуда, асоснокии таҳқиқоти мазкурро муайян менамуд.

Аз тарафи муаллиф **дар боби дуюми диссертатсия «Тавсифи умумии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)»** мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар он масъалаҳои вобаста ба мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), мавзуъ ва объекти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), инчунин вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ҳуқуқу уҳдадории онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Муаллиф бо дарназардошти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, ҷиҳати мушаххас намудани мавқеи шартномаи лизинг дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ

андешаҳои олимонро ба гурӯҳҳои муайян таснифбандӣ кардааст, ки он қобили қабул мебошад. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки «вобаста ба ворид намудани шартномаи лизинг ҳамчун намуди алоҳидаи «лизинг» ва ё намуди алоҳидаи «иҷора» дар адабиёти ҳуқуқӣ баҳсҳо ҷой доранд. Албатта таҳлили КМ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» нишон медиҳад, ки дар кишвар шартномаи лизинг як навъи шартномаи иҷора аст ва он маҳз ба ҳамин институт ворид карда шудааст. Дар илм нуктаҳои назари гуногун ҷой дорад. Якум, гурӯҳи олимон дар он нуктаи назаранд, ки шартномаи лизинг ин шартномаи иҷораи молу мулк аст ва ба худ хусусиятҳои хос дорад. Дуюм, гурӯҳи олимон дар он нуктаи назаранд, ки он ба шартномаи хариду фурӯш тааллуқ дорад, зеро муносибати истифодабаранда ва фурӯшанда метавонад мустақилона ба вуҷуд ояд. Сеюм, гурӯҳи олимон шартномаи лизингро ба гурӯҳи шартномаҳои қарзӣ ва шартномаи дигари ҳуқуқи маданӣ вобаста медонанд» (саҳ. 67 дисс.).

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки «таҳлилҳо нишон медиҳад, ки мавзуи шартнома аз объекти шартнома васеътар буда, дар мавзуи шартнома ба ғайр аз объект, инчунин амали тарафҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) вобаста ба бавуҷудории объекти шартномаро фаро мегирад. Аммо, дар таҳқиқоти мазкур ин ду истилоҳ бо дарназардошти меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории маданӣ ба як маъно истифода карда шудааст» (саҳ. 87 дисс.).

Дар ин ҷо муаллиф оид ба мазмуни гуногун доштани объекти шартнома ва мавзуи шартнома андешаронӣ намуда, бо асосҳои гуногун онро асоснок намудааст, ки қобили қабул мебошад.

**Дар боби сеюми диссертатсия «Асосҳои қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои он»** мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар он масъалаҳои асосҳои қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳо тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки «бекор кардани шартнома ва ё ин ки тағйир додани шартҳои шартнома аз иродаи тарафҳо вобастагӣ дорад. Бо талаби яке аз тарафҳо шартномаи лизинг метавонад пеш аз муҳлат бекор ё тағйир дода шавад. Ҳолатҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардан метавонад чи дар шартнома бо хоҳиши тарафҳо муқаррар карда шавад, агар тарафҳо дар шартнома ин асосҳоро дарҷ накарда бошанд, пас онҳо метавонанд тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ ё ба таври судӣ шартномаро бекор намоянд» (саҳ. 138 дисс.).

Дар ин ҷо аз тарафи муаллиф бекор кардани шартнома ва ё тағйир додани он бо он асоснок карда шудааст, ки новобаста аз тариқи ихтиёрӣ ва ё судӣ

бекор кардани шартнома бо иродаи тарафҳо ё яке аз онҳо ба амал бароварда мешавад.

Ҳамзамон, аз тарафи муаллифи диссертатсия қайд карда шудааст, ки «бинобар сабаби он ки тарафҳои шартномаи лизингро одатан соҳибкорон ташкил медиҳанд, ҷавобгарӣ новобаста аз гуноҳи онҳо дар вайрон кардани иҷрои уҳдадориҳо, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ба миён меояд. Ҳамин тариқ, асоси умумии ҷавобгарӣ тибқи шартномаи лизинг на гуноҳ, балки таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ ташкил медиҳад. Дар робита ба ин, таъкид кардан муҳим аст, ки ҷавобгарии мустақил аз гуноҳ маънои ҷавобгарии мутлақ ва бепоёни ҳуқуқвайронкунандаро надорад» (саҳ. 158-159 дисс.).

Муаллиф оқибатҳои номатлуби бавуҷудояндаро аз таваккали соҳибкорӣ низ асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳо муайян намудааст, ки андешаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад. Дар чунин маврид ҳангоми ба таври пурратар масъалагузорӣ кардани ҳолати мазкур боз ҳам таҳқиқоти илмиро мустаҳкам менамуд.

**Хулоса** аз 14 банд иборат буда, муаллиф вобаста ба самтҳои гуногуни падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва шартномаи лизинг андешаронӣ намуда, хулосаҳои асоснок манзур намудааст. Хулосаи манзуршуда бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷонибаи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» равона карда шуда, вобаста ба ҳар як зербоб хулосабарории дақиқ анҷом дода шудааст. Дар хулоса аз тарафи муаллиф аз таҳлили заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии падидаи мазкур сар карда то ба ҳадди ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи лизинг пешниҳодҳои мушаххас таҳия гардидааст.

**Сохтори диссертатсия** ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда оид ба падидаи лизинг тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда ба муаллиф имконият додаанд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дарназардошти аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳия гардида, ба ҳалли масъалаҳои гуногуни ҷамъиятӣ метавонад таъсиррасон бошад.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр зимни омода кардани таҳқиқоти илмии мазкур бо истифодаи зиёди адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, қонунгузории миллию байналмилалӣ, таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мақолаю сомонаҳои интернетӣ падидаи иҷораи молиявиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, бо натиҷаи он пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст.

Ҳамзамон, зимни таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз тарафи муаллиф ба оморҳои расмӣ ва таҷрибаи ташкилоту ширкатҳои лизингӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, бо истифодаи онҳо аҳамияти амалии диссертатсияи мазкур мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Аҳамияти иқтисодии мавзуи мазкур бевосита аз тарафи муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия ишора карда шудааст, зеро падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ҷанбаи иқтисодӣ низ дошта, муаллиф зимни омода кардани диссертатсия аз таҳлили иқтисодии он даст кашида, ҳангоми зарурат паҳлуҳои гуногуни онро мавриди истифода қарор додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар заминаи адбиёти илмӣ, маълумоти оморӣ, қонунгузории ватанию байналмилалӣ ва маводҳои дигари илмӣ таҳия гардида, аҳамияти иҷтимоии он дар он ифода меёбад, ки истифодаи онҳо барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дарназардошти аҳамияти ба худ хос метавонад зимни таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва омода кардани лоиҳаи қонунҳо мусоид бошад.

7. **Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 24 маводи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 12 мақола дар маҷаллаҳои дигар ва 2 маводи дигари илмӣ ба табъ расонидааст:

[1-М]. Ҳакимов, Я.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // М.М. Соҳибзода, Я.Б. Ҳакимов // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1(50). – С. 148-156; ISSN 2664-0651.

[2-М]. Ҳакимов, Я.Б. Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг): мафҳум ва хусусиятҳои он [Матн] // М.М. Соҳибзода, Я.Б. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2021. – №5. – С. 218-225; ISSN 2413-5151.

[3-М]. Ҳакимов, Я.Б. Танзими ҳуқуқии шаклҳои хусусигардонии моликияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б.,

Ҳакимов, Ш. Раҳимзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42). – С. 160-168; ISSN 2410-2903.

[4-М]. Ҳакимов, Я.Б. Таърихи пайдоиш ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Қонунгузорӣ. – 2021. – №3 (43). – С. 76-80; ISSN 2410-2903.

[5-М]. Ҳакимов, Я.Б. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов, Ҷ.С. Суҳробзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4 (44). – С. 86-91; ISSN 2410-2903.

[6-М]. Ҳакимов, Я.Б. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои лизинг (иҷораи молиявӣ) дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов, М.А. Тоҷидинов // Қонунгузорӣ. – 2022. – №1 (45). – С. 97-102; ISSN 2410-2903.

[7-М]. Ҳакимов, Я.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи иҷораи молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №1(41). – С. 127-139; ISSN 2307 – 5198.

[8-М]. Ҳакимов, Я.Б. Предмети шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон – 2023. – №4 (32). – С.130-146; ISSN 2414-9217.

[9-М]. Ҳакимов, Я.Б. Асосҳои қатъ гардидани шартномаи лизинг тибқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (56). – С. 149-155; ISSN 2410-2903.

[10-М]. Ҳакимов, Я.Б. Падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар мамлакатҳои хориҷӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №4/2 (70). – С. 396-404; ISSN 2664-0651.

[11-М]. Хакимов, Я.Б. О понятии финансовой аренды и лизинга [Текст] // М.М. Сохибзода, Я.Б. Хакимов // XVIII International correspondence scientific specialized conference «International scientific review of the problems of Law, Sociology and Political science». (Boston. USA. January 26-27, 2021). – С. 4-14.

[12-М]. Ҳакимов, Я.Б. Рушд ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Танзими ҳуқуқии самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» аз 7-уми октябри соли 2021) зери таҳрири докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ. – 2021. – С. 322-332.

[13-М]. Ҳакимов, Я.Б. Танзими ҳуқуқии шартномаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы IX Международная научно-практическая конференция, посвященная 30-летию независимости Республики Таджикистан и 25-летию

Российско-Таджикского (Славянского) университета (Душанбе, 15-16 октября 2021 г.). – Душанбе: РТСУ, 2021. – С. 52-57.

[14-М]. Ҳакимов, Я.Б. Баъзе андешаҳо оид ба таърихи пайдоиш ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавони ДМТ бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) 18-19-уми майи соли 2023. – Душанбе – 2023. – С. 60-64.

[15-М]. Хакимов, Я.Б. Некоторые мысли об истории возникновения и развития лизинга в республике Таджикистан [Текст] // Я.Б. Хакимов // International scientific-practical journal. «Endless light in science». Almaty. Kazakhstan (25 June 2023). - С. 281-284.

[16-М]. Ҳакимов, Я.Б. Истифодаи падидаи лизинг (иҷораи молиявӣ) дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // International scientific-practical journal. «Endless light in science». Almaty. Kazakhstan (25 September 2023). – С. 88-92.

[17-М]. Ҳакимов, Я.Б. Ҳуқуқу ухдадориҳои лизингдеҳ тибқи қонунгузории иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» (5-уми декабри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 548-559.

[18-М]. Ҳакимов, Я.Б. Табиати ҳуқуқии шартномаи лизинг дар ҳуқуқи маданӣ [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирзозода П.З. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мавлоназарзода О.А. – Душанбе: ҶДММ «Аршам», 2024. – С. 56-68.

[19-М]. Ҳакимов, Я.Б. Ҳуқуқу ухдадориҳои лизинггир тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви пайвастаи АМИ Тоҷикистон Раҳимзода М.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шонасридинов Н. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024. – С. 186-195.

[20-М]. Ҳакимов, Я.Б. Таҳлили ҳуқуқии муқоисавии падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар мамлакатҳои хориҷӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов, Ш.У. Саидов // Международная научно-практическая конференция «Актуальные проблемы современности: взгляд молодёжи», посвящённая 30 – летию Конституции Республики Таджикистан и году Правового просвещения (Душанбе, 24 мая 2024 г.). – Душанбе: РТСУ, 2024. – С. 188-203.

[21-М]. Ҳакимов, Я.Б. Ҳуқуқу уҳдадориҳои фурӯшанда тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] / П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6 декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С. 80-85.

[22-М]. Ҳакимов, Я.Б. Ҳуқуқҳои субъектони самти тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамо» (Бахшида ба 15 солагии таъсисёбии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024) (24-уми декабри соли 2024) // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – С. 73-83.

[23-М]. Ҳакимов, Я.Б. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ): нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ. – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент [Матн] / Я.Б. Ҳакимов, М.М. Соҳибзода, Ф.Ш. Шарифзода, М.А. Қодирзода, Ш.Х. Одиназода, М.А. Тоҷидинов, И.И. Исмоилӣ, Ҳ.Р. Раҳмонов, Ш.Б. Қодиров, Б.С. Шерзода. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2022. – 168 с.

[24-М]. Ҳакимов, Я.Б. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ): нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ. – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент [Матн] / Я.Б. Ҳакимов, И.Ҳ. Саидзода, М.М. Соҳибзода, Ф.С. Сулаймонов, Н.Ф. Сафарзода, Ш.Х. Одиназода, М.А. Тоҷидинов, М.Т. Тоирзода, Б.С. Шерзода. – Душанбе: Контраст, 2024. – 232 с.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳакимзода Якуб Бахтиёр ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбие, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф дар банди 2 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда қайд менамояд, ки «вобаста ба мавқеи шартномаи лизинг дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки шартномаи лизингро бо дарназардошти мақсаднокӣ, субъект, объект ва мазмунаш ба ин ё он шартнома вобаста намудан ғайриимкон аст. Дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ шартномаи лизинг бо доштани хусусиятҳои худ ба шартномаҳои омехта дохил шуда, аз дигар шартномаҳо фарқ дошта, онро ба ин ё он шартнома мансуб донистан мувофиқи мақсад намебошад».

Албатта ин ақидаи муаллиф қобили дастгирист, аммо аз тарафи ӯ хусусиятҳои фарқкунандаи шартномаи лизинг аз шартномаҳои дигари ҳуқуқи маданӣ ба таври мушаххас пешниҳод карда нашудааст.

2. Аз тарафи муаллиф дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд карда шудааст, ки «аввалин ширкате, ки фаъолияти он сирф ба лизинги имрӯза шабоҳат дошт ба соли 1887 рост меояд. Дар соли 1952 аввалин ширкати лизингӣ аз тарафи Ҳенри Шофелд дар ҳудуди ИМА таъсис дода шуд, ки ин ширкат мустақилона фаъолияти лизингиро барои додугирифти таҷҳизот амалӣ менамуд. Баъдан, дар охири солҳои 50-60-уми асри XX ширкатҳои лизингӣ дар Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Италия, Ҷопон ва дигар кишварҳои ҷаҳон пайдо шуданд».

Дар ин ҷо муаллиф тафовути ширкатҳои лизингӣ ва ширкатҳои ба фаъолияти лизингӣ машғулбударо пешниҳод накардааст, ки дар чунин маврид замони пайдоиши падидаи мазкурро муайян кардан метавонад баҳснок бошад.

3. Дар саҳифаи 37 диссертатсия муаллиф оид ба алоқамандии падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар соҳаи ҳуқуқи нақлиёт низ андешаронӣ намудааст. Аз ин лиҳоз, ҳангоми таҳлили лизинги воситаҳои нақлиёт дар мавзӯи мазкур боз ҳам таҳқиқоти диссертатсиониро мустаҳкам менамуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Аминова Ф.М.

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Н. Махсум, 85/1
Тел. 227-39-86; E-mail: farida.aminova.2016@mail.ru

**Имзои Ф.М. Аминоваро тасдиқ менамоям:**
Сардори Раёсати кадрҳои муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н.

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50; Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru

«26» 11 соли 2025